# ПАРЧАМ–РАМЗИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Submitted by Ҳайати тадорукот on 21 November, 2025 - 12:55

[1]

Парчами давлатии Тоҷикистон ҳамқадами соҳибистиқлолии ватанамон буда, дар баробари Конститутсия, забони давлатӣ, Нишон, Суруди Миллӣ ва асъори миллӣ аз ҷумлаи рамзҳо ва муқаддасоти давлатӣ маҳсуб мешавад. Чунин изҳор намуд Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сахидод Раҳматуллозода имрӯз зимни мизи мудаввар, ки бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ баргузор гардид.
Мизи мудаввар таҳти унвони «Парчам–рамзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир гардида, дар он Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сахидод Раҳматуллозода иброз дошт, ки Рӯзи Парчами давлатӣ аз ҷумлаи ҷашнҳое мебошад, ки имрӯз симои Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол, бофарҳанг ва соҳиби тамаддуни бой дар ҷаҳон муаррифӣ менамояд.
Директори Муассисаи давлатии “Маркази миллии тарҷума”-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Дӯстзода изҳор дошт, ки мардуми Тоҷикистон Парчами давлатиро ифодагари ваҳдату ягонагӣ, бахту саодат, дӯстию рафоқат ва волотарин орзую омоли худ медонанд, зеро парафшонии парчам барои дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани аҳли ҷомеа, бахусус насли ҷавон нақши бориз дорад.
Дар идома муовини директори Муассисаи давлатии “Маркази миллии тарҷума” Шаҳноза Буриева баромад намуда, афзуд, ки парчам рамзи ифтихор, ваҳдат, сулҳ ва истиқлол буда, ҳамчун нишонаи расмии давлати тоҷикон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва байналмилалӣ вазифаи муҳим ба анҷом мерасонад.
Ёдовар мешавем, ки аз соли 2009 инҷониб 24 ноябр дар Тоҷикистон Рӯзи Парчами давлатӣ ҷашн гирифта мешавад.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

-

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/7193

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/583856886_1221814769844623962072443188924628881_n.jpg [2] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/583856886_122181476984462396_2072443188924628881_n.jpg [4] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/585352784_122181477092462396_8329617354303508864_n.jpg [5] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/585624269_122181476846462396_5076834077690712882_n.jpg